# Дар ҳақиқат бештарин чизе, ки аз он бар шумо метарсам, ширки хурд аст." Гуфтанд: Ширки хурд чист эй Расули Аллоҳ? Гуфт: "Риё

Аз Маҳмуд ибни Лабид (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Дар ҳақиқат бештарин чизе, ки аз он бар шумо метарсам, ширки хурд аст." Гуфтанд: Ширки хурд чист эй Расули Аллоҳ? Гуфт: "Риё (худнамоӣ) Аллоҳ Таъоло рӯзи қиёмат, ҳангоме ки мардум подоши амалҳояшонро мегиранд, ба онон (риёкорон) мегӯяд: Ба назди касоне биравед, ки дар дунё барои онон риё ва худнамоӣ мекардед ва бубинед, ки оё назди онон подоше меёбед?"

[Ҳасан] [رواه أحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро хабар медиҳад, чизе, ки барои умматаш бештар метарсад, ширки хурд аст, ки он риё мебошад. Риё корест, ки ба хотири мардум ва худнишондиҳӣ анҷом дода мешавад (то ин ки мардум гӯянд, ӯ одами хуб аст ва корҳои нек мекунад). Сипас дар бораи азоби риёкорон дар рӯзи қиёмат хабар дод, ки ба онҳо гуфта мешавад: Ба назди касоне, ки барои онҳо кори "нек" анҷом медодед, биравед ва бубинед, ки оё тавони мукофоти шуморо доранд ва дар баробари он кор бароятон подош диҳанд?!

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3381